**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Тиллозода Анваршо Абдулҳақ дар мавзуи «Ҳаёти иқтисодӣ-иҷтимоии Тоҷикистон дар шароити дигаргунсозиҳои охири асри XX ва аввали асри XXI» аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 –Таърихи ватанӣ).**

Иттиҳоди Шуравӣ яке аз давлатҳои абарқудрати замони худ ба шумор рафата, дар он халқу миллатҳои гуногун муттаҳид шуда, рушду равнақ меёфтаанд. Тоҷикистон низ яке аз кишварҳои иттифоқӣ ба шумор мерафт, ки дар доираи идеологияи марксистӣ ривоҷу равнақ меёфт. Аммо як камбудии ҷиддӣ дар ин иттиҳод ба назар мерасид, ки дар охир боиси аз байн рафтани ин кишвари абарқудрати олам гардид. Ин омил пеш аз ҳама нодида гирифтани манфиатҳои миллӣ, арзишҳои миллӣ, фарҳангу забон ва дигар унсурҳои миллӣ маҳсуб меёфт. Ин омил дар охири асри гузашта аниқтараш дар солҳои 80-ум боиси ислоҳот ва бозсозӣ гардид. Давраи бозсозӣ то як андоза заминаро барои пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ ва соҳибистиқлол гардидани кишварҳои аъзо гардид.

Ҳамин тариқ, дар оғози солҳои 90-ум кишварҳои иттиҳод оҳиста-оҳиста истиқлолияти давлатии худро ба даст овардаанд. Ин буд, ки 9-уми сентябри соли 1991 Тоҷикистон Истиқлолияти давлатии худро ба даст оварда, дар як мудати кӯтоҳи таърихӣ аз ҷониби созмонҳои байналмиллаливу минтақавӣ ва кишварҳои алоҳидаи ҷаҳон истиқлолияти Тоҷикистонро ба расмият шинохтаанд.

Новобаста ба он, ки Тоҷикистон истиқлолияти давлатии худро ба даст овард, аммо дар кишвар вазъи сиёсии мамлакат бухронӣ гардида, кишварро ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ фаро гирифт. Ин ҷанги бемаънӣ бухронҳои гуногуни иқтисодиву-иҷтимоӣ, фарҳангиву амниятиро ба вуҷуд овард, ки раванди рушди давлатдории миллӣ ва рушду инкишофи соҳаҳои иҷтисодиву-иҷтимоии мамлакатро боз медошт. Баъди расидан

ба истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакат рушди соҳаҳои алоҳидаи иҷтимоиву иқтисодӣ ба вуҷуд омад.

Воқеаҳои зикргардида дар шароити имрӯза дар доираҳои илмӣ ва махсусан илмҳои таъриху фалсафа ва сиёсатшиносӣ зарурати таҳқиқи онро тақозо менамояд. Диссертатсияи пешниҳодгардида ба масъалаи муҳим ва давраи бисёр ҳассоси таърихӣ бахшида шуда аҳамияти муҳимми назариявӣ ва методологии омӯзишро ба вуҷуд овардааст.

Дар автореферати диссертатсия муаллиф оид ба муҳиммияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, объекти таҳқиқот, предмети таҳқиқот, ҷанбаъҳои назариявӣ ва амалии таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва дигар ҷанбаъҳои кори диссертатсионӣ маълумоти мухтасар оварда шудааст.

Ҳамзамон дар автореферати диссертатсия фишурдаи бобҳо ва зербобҳоро хеле хуб ва ба таври мухтасар шарҳ додааст, ки аз хондани автореферат то як андоза аз диссертатсия огоҳӣ пайдо намудан мумкин аст.

Автореферати диссертатсия ба меъёрҳои таҳияи овтореферат ҷавобгӯ буда, пайдарҳамии масъалаҳо хеле хуб оварда шудаанд. Мавқеи муаллиф дар автореферат баён гардида, тамоми ҷанбаъҳои методологӣ, мантиқӣ, техникӣ ва ороиши автореферат ба талабот ҷавобгӯ мебошад.

Автореферати диссертатсия ба ҷиҳатҳои илмӣ ҷавобгӯ буда, ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Ҳаҷми автореферат, ороиши автореферат ва шарҳи бобҳо ва зербобҳо тибқи меъёрҳо таҳия гардидааст. Фишурдаи автореферат бо забонҳои русӣ ва англисӣ моҳияти умумии автореферати диссертатсияро инъикос менамояд.

Ҳамин тариқ, муаллифи автореферат Тиллозода Анваршо Абдулҳақ сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.00 – Илмҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ (07.00.02 – Таърихи ватанӣ) мебошад.

**Такриздиданда:**
номзади илмҳои таърих,
муаллими калони кафедраи сиёсатшиносии
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи
Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ Изатов Умедҷон Хуршедович

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Кулоб, кучаи Сафаров С, 16.
Телефон: (+992) 906 70 00 11
E-mail: izatov.u@mail.ru

Имзои Изатов У.Х.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Кулоб ба номи А. Рӯдакӣ Давлатов М.А.
«30» 12 **2025**